# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Пайомади меҳварии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX тафаккури миллӣ, эъмори давлатдории тоҷикӣ ва касби мавқеи шоиста дар арсаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки бешак, аз дунёи афкор ва фарҳанги баланди сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳусни ибтидо мегирад. Корномаи безаволи ин марди оламшумул дар таърихи навини тоҷик бо ҳарфҳои заррин китобат шудааст. Бо назардошти нуктаҳои муъҷази фавқ метавон гуфт, ки пажӯҳиши мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» аз ҷониби муҳаққиқ Насруддин Охунзода дорои аҳамияти вижа буда, дар замони кунунӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мешавад.

Автореферати рисолаи мазкур бозгӯст, ки олими ҷавони ҷӯё моҳияти мавзӯъро саҳеҳ дарк бинмуда, хулосаҳои мантиқӣ ва эътимодбахш баровардааст. Он гуна ки ӯ менигорад, дар саргаҳи бунёдкориву созандагиҳо Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд ва сиёсати давлатдорӣ, услуби роҳбарӣ, инсондӯстӣ ва некхоҳии мавсуф, на танҳо дар воситаҳои ахбори омма, балки дар публитсистикаи китобӣ барҷаста инъикос ёфтаанд. Имрӯзҳо дар фазои нигорандагию бадеии ҷаҳон пиромуни шахсиятҳои маъруфи дунё мулоҳизоти мухталиф интишор мешаванд, аз ин ҷиҳат, тавҷеҳ ба ин мавзӯъ бори дигар корномаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таърихи мардуми тоҷик мушаххасан ҳаққокӣ менамояд.

Дар қисмати муҳиммияти мавзӯъ диссертант дарҷ карда, ки ҳангоми таҳқиқ ба осори публитсистии «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон», «Пешво - ифтихори миллат» ва «Бахтофарин» тарҷеҳ додааст. Чун дар рафти мутолеаи

автореферат баршумурдам, воқеан, дар шаш маврид ба кутуби фавқуззикр такя бинмуда, бардоштҳои илмии хешро, аслан, бо маводи ин асарҳо хулосабандӣ кардааст. Аз нигоҳи мо, дар радифи осори мазкур китобҳои дигари арзишманд низ ба табъ расидаанд, ки аз мадди назари муҳаққиқ дур мондаанд. Ба ин қабил асарҳо китоби «Тоҷики оламшумул»-и Носирҷон Салимӣ ва Абдуфаттоҳ Шарифзода метавон намуна шуд, ки бо сабку услуби вижа ва забони шевою пероста бо бадеият таълиф шудааст. Бар он ақида устувор ҳастем, ки бартарӣ ба ин гуна кутуб низ омили боз ҳам беҳтаршавии муҳтавомандӣ ва сифати рисолаи илмӣ мегардид. Муаллиф худ дар фишурдаи таҳқиқот нигошта: «Китобшинос Шариф Комилзода асарҳоеро, ки фаъолият ва корномаи Пешвои миллатро инъикос мекунанд, дар китобномаи «Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти бадеӣ» феҳрист намудааст, ки он 844 асарро дар бар мегирад». Аз ин нуқтаи назар ба мо рӯшан нест, ки чаро пажӯҳишгар танҳо ба 6-7 асар бартарӣ додааст.

Н.Охунзода таҳқиқоти хешро ба 3 боб тақсимбандӣ карда, ки боби аввал «Тавсифи умумии осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон», боби дуюм «Вижагиҳои тасвири симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ» ва боби сеюм «Таносуби воқеият ва бадеият дар бозтоби симои Пешвои миллат» унвон дорад. Ба андешаи мо, ба чунин қисматҳо ҷудо бинмудани рисолаи пажӯҳишӣ ба фарогирии мавзӯъ мувофиқ буда, пайвандӣ ва алоқамандии онҳо ба таври комил риоя гардидааст. Лозим ба тазаккур аст, ки ҳар боб аз ду фасл таркиб ёфта, муҳаққиқ кӯшида, то хурдтарин ҷузъиёти марбут ба мавзӯъро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор диҳад.

Фаслҳои «Заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон» ва «Симои Пешвои миллат дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ» иртиботманд ба боби аввал буда, дар фасли якум муҳаққиқ хидматҳои таърихию мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба таври мухтасар дар 10 банд арзёбӣ кардааст. Образи Президенти мамлакат дар заминаи осори публитсистӣ дар фасли дуюм таҳқиқу таҳлил гардида.

«Тасвири корнамоиҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун истиқроргари сулҳу ваҳдати миллӣ» ва «Азми созанда ва бунёдкориҳои шахсияти таърихӣ дар таҳкими Истиқлолияти миллӣ» шомили боби дуюм ҳастанд. Дар ин фаслҳо низ муҳаққиқ масоили марбут ба мавзӯъро ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосаҳои илман асоснок баровардааст.

Ба боби сеюм фаслҳои «Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар офаридани симои шахсияти таърихӣ» ва «Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар тасвири образи қаҳрамони воқеӣ» иртиботманд мебошанд. Дар фасли аввал ҳунару нигорандагии адибону публитсистон дар тасвири образи Пешвои миллат дар заминаи жанрҳои лавҳаю очерк баррасӣ шудааст. Олими ҷавон бинвишта, ки нависандагону публитсистон дар тасвири корномаҳои Пешвои миллат, аслан, аз имконоти ҳамин ду жанр ва қиссаҳои ҳуҷҷатӣ истифода кардаанд. Дар ин ҷо, ба ақидаи мо, муҳтаво ба номи фасл мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, тағйири номи фасл ба салоҳи кор мешуд.

Дар фасли дуюми боби сеюм муҳаққиқ ҳунари нигорандагии удабою публитсистонро тавассути асарҳои «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Ҷасорат», «Достони Роғун» ва «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон» таҳқиқ карда ва далел оварда, ки дар осори мазкур истифода аз усулҳои мухталиф, амсоли … абёту қитъаҳои шеърӣ, тасвири зебоиҳои табиат, руҷӯъҳои лирикӣ… ва монанди ин фаровон аст. Дар ин росто мебояд гуфт, ки баррасӣ ва пажӯҳиши мавзӯи осори бадеӣ кори адабиётшиносон аст ва чун аз унвони мавзӯи рисолаи илмӣ бармеояд, журналистика бештар бояд ба жанрҳои публитсистӣ такя кунад.

Бо назардошти он чӣ ки дар хусуси ҳусну қубҳи автореферати диссертатсия гуфта шуд, чанд нуктаро зикр менамоем, ки аз нигоҳи мо, таваҷҷуҳ ба онҳо ба манфиат хоҳад буд:

1. Дар маҷмӯъ диссертант ба асарҳои калонҳаҷм ва чанд адабиёти ангуштшумор тарҷеҳ дода, онҳоро ҳамчун кутуби меҳварӣ истифода бинмуда, ҳол он ки ҳастанд мақолаҳо ва осори хурд, ки дорои муҳтавои баланданд, вале аз мадди назар дур мондаанд.

2. Дар баъзе қисматҳои автореферат, аз ҷумла, фаслҳои боби дуюм нисбат ба таҳқиқ таҳлил бештар гардида, ки моҳияти илмии пажӯҳишро андозае коҳиш медиҳад.
3. Қалами муҳаққиқ дар нигоштани фасли дуюми боби сеюм бештар ба самти адабиёт ғечида, ҷанбаи журналистика ноустувор мебошад.

Лозим ба тазаккур аст, ки нуктаҳои фавқ ҳусн, аҳамият ва моҳияти авторефератро намекоҳанд ва ҳамагӣ ислоҳшаванда ҳастанд. Чуноне мегӯянд, «Як мушт хок гил накунад оби баҳрро» ва камбудиҳои мазкур низ набояд монеи дифоъ гарданд.

Аз ин рӯ, изҳор менамоем, ки пажӯҳиш барои ҳимоя мувофиқ аст ва месазад, то ҳамчун рисолаи номзадӣ пазируфта шавад.

Номзади илми филология
бо ихтисоси 10.01.10 – журналистика,
декани факултети филологияи тоҷики
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи. Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 90 4108585
E-mail: donishafzo@mail.ru

Имзои Абдураҳимов Б.А.-ро
тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

ШӮЪБАИ КАДРҲО

12-уми октябри соли 2020